«Тасдиқ мекунам»
Директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон
н.и.ф.-м., дотсент
_______________ Наҷмиддиниён А.М.
«18» 09 соли 2023

# ХУЛОСАИ

шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи унвонҷӯи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Раҳила Нураҳмадзода “Ташаккули омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ)

Раҳилаи Нураҳмадзода 29 сентябри соли 1977 дар шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон таваллуд шудааст. Солҳои 2007-2012 дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ таҳсил намуда, онро бо бо ихтисоси муаллими таърих ва ҷомеашиносӣ хатм намудааст.

Мавсуф соли 2014 то соли 2016 дар Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба ҳайси муаллимаи фанни таърих ва ҳуқуқ дарс гуфтааст. Баъдан, солҳои 2016-2022 роҳбари муассисаи таълимии Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятими шаҳри Кӯлобро ба ӯҳда дошта, аз соли 2022 инҷониб дар вазифаи директори Мактаб-интернати ҷумҳуриявии низомаш махсуси шаҳри Ҳисор фаъолияти корӣ менамояд.

Раҳила Нураҳмадзода ба ҳайси унвонҷӯ дар шуъбаи тайёрнамоии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон бо фармоиши №26, аз 21 феврали соли 2020 қабул шуда, таи солҳои 2020-2023 фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ бурдааст.

Имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанҳои Таърих ва фалсафаи илм – “4” (хуб) - 16.10.2020, Забони хориҷӣ (англисӣ) - “4” (хуб) – 21.05.2021 ва ихтисос 13.00.05 - Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ ( 13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) - “5” (аъло) - 20.05.2022 супоридааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳоноти номзадиро Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 10.07.2022, №758 додааст.

Роҳбари илмӣ – доктори илмҳои педагогӣ, дотсент Иматзода Л.М. мебошанд.

Шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон таҳқиқоти диссертатсионии Раҳилаи Нураҳмадзодаро бо иштироки муқарризони холис доктори илмҳои педагогӣ Каримзода М. ва номзади илмҳои педагогӣ, муаллимаи калони кафедраи таҳсилоти томактабии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон Қурбонова Г. мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дод.

Унвонҷӯ Раҳилаи Нураҳмадзода оид ба мазмуни мухтасари диссертатсия, муҳимият ва навгонии таҳқиқот, натиҷаҳои дар раванди корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ бадастовардаи худро иброз намуда, хулоса ва тавсияҳоро оид ба кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ ба ҳозирин иброз намуда, ба саволҳои додашуда ҷавобҳои пурра дод.

Дар муҳокимаи таҳқиқоти диссертатсионӣ муқарризони холис андеша ва пешниҳоду эроди худро нисбат ба таҳқиқоти Раҳилаи Нураҳмадзода иброз доштанд.

Муқарризи холис, доктори илмҳои педагогӣ Каримзода М. қайд намуданд, ки таҳсилоти томактабӣ, ки барои сармояи инсонӣ заминаи асосӣ мегузорад, ба рушди ҳаматарафа ва мукаммали кӯдак мусоидат намуда, салоҳияту малакаҳои таълимиро рушд дода, омӯзиши забони модарӣ, тарбияи ватандӯстӣ ва ҳисси хештаншиносиро ташаккул медиҳад.

Тавре муҳаққиқ Раҳилаи Нураҳмадзода иброз намудааст, барои дуруст ба роҳ мондани омӯзиши забони модарӣ дар кӯдакони синни томактабӣ аз роҳу усулҳое истифода бурдан лозим аст, ки асоси инкишофи нутқи кӯдакро ташкил намоянд, ки ин комилан дуруст аст. Яке аз чунин усулҳо ё омилҳо алоқамандии кӯдак дар раванди муошират ва муносибат бо одамони атроф ба ҳисоб меравад, ки дар ин ҷараён кӯдак фаъолии табиии худро дар дакрккунӣ ва фаъолият зоҳир менамояд. Дар ин раванд шиносоӣ бо фарҳангу таърихи кишвар дар тарбияи насли наврас нақши муҳим бозида, воситаи хуби инкишофи нутқи кӯдакон мебошад.

Мубрамият ва зарурияти тақиқоти мазкур аз таъсири раванди ҷаҳонишавӣ, ки дар он технологияхои иттилоотӣ-иртиботӣ нақши муҳим доранд ва барои ба зинаи таҳсилоти ибтидоӣ омода намудани кӯдакони синни калони томактабӣ таъсиргузор мебошанд, бармеояд. Фароҳам

овардани шароитҳои таълимию тарбиявӣ барои ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ мақсади асосии рисолаи мазкур ба ҳисоб рафта, унвонҷӯ дар ин самт корҳои зиёдеро ба субут расонидааст.

Дар рисола нуқтаи назари педагогҳо, психологҳо, дидактикҳо дар бораи алоқаи мутассилии ҳалқаҳои гуногуни таҳсилот, истифодаи роҳу усулҳои босамар дар инкишофи шахсияти кӯдак, дар бораи алоқамандии забон ва тафаккур, қонуниятҳои ташаккули маҳорати нутқи модарии кӯдакони синни калони томактабӣ ва хурди мактабӣ таҳлилу баррасӣ гардида, дар раванди таҳқиқот, таҳлили натиҷа, таркиб ва хулосабарорӣ аз баргузории озмоишҳои назоратӣ ва асосӣ бо нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии бадастомада оварда шуда, асоси назариявӣ ва методологии таҳқиқот исбот гардидааст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар интишороти унвонҷӯ, аз ҷумла дар мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи рӯйхати тавсияшудаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар нашриҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ чоп шудаанд, дарҷ гардидаанд. Дар рафти таҳқиқот натиҷаҳои бадастомада дар татбиқи “Барномаи ташаккули омодагии нутқии кӯдакон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ” мавриди шиносоӣ бо муҳити атроф, баромад бо маърӯзаҳо дар конфренсияҳои илмию назариявӣ ва ҳисоботҳо дар шуъбаи муассисаҳои томактабӣ ва ибтидоии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф мавриди корбарӣ қарор ёфтанд.

Дар интиҳои баромад доктори илмҳои педагогӣ Каримзода М. иброз дошт, ки таҳқиқоти унвонҷӯ Раҳилаи Нураҳмадзода ба талаботи навишти рисолаҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, ба шурои диссертатсионӣ барои ҳимоя пешниҳод гардад.

Сипас муқарризи холиси дигар, номзади илмҳои педагогӣ, муаллимаи калони кафедраи таҳсилоти томактабии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон Қурбонова Г.А. оид ба мазмуну мундариҷа ва ҳадафу вазифаҳои рисолаи илмӣ, фарзия ва навоварии таҳқиқот фикру ақидаи хешро баён доштанд.

Аз ҷумла, муқарриз қайд намуданд, ки аз таҳлили рисолаи илмии Раҳилаи Нураҳмадзода бармеояд, ки мақсаду вазифаи асосии таълиму тарбияи томактабӣ омода намудани кӯдакон ба таълим ба синфи якум мебошад. Бинобар ин, зарурати фаъолонидани истифодаи калимахо ва ба низом андохтани нутқ маҳз дар хамин давра ба миён меояд. Дар ин маврид диққати асосӣ ба инкишофи самтҳои афзалиятноки нутқи кӯдакон равона карда шуда, инкишофи нутқи кӯдакон дар асоси ба ҳисоб гирифтани пахлӯҳои гуногуни нутқ - бой намудани луғат, тарбияи маданияти овозии нутқ, ташаккули нутки грамматики ва нутқи мураттаб

дида баромада шуда, омодагӣ ба саводомӯзӣ ҳамчун зинаи гузариш ба омӯзиши забони тоҷикӣ дар мактаби ибтидоӣ ба ҳисоб мераванд.

Дар ҷомеаи мусоири кишвар зарурати ҳамгироии методҳои анъанавӣ бо технологияҳои навини иттилоотӣ-иртиботӣ ба миён омадааст. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ воситаи босамари ташаккули фаъолияти маърифатӣ, нутқӣ ва ташкили фаъолияти таълимӣ-маърифатии томактабиён мебошад, зеро истифода аз онҳо машғулиятро шавқовар ва замонавӣ мегардонанд. Бинобар ин муҳаққиқ хеле бамаврид дар рисолаи илмӣ шароитҳоеро муайян намудаан, ки барои инкишофи нутқи кӯдаконро мавриди шиносоӣ бо олами атроф бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ (интихоби барномаҳои компютерӣ, бозиҳо, лоиҳаҳо, шаклҳои самараноки фаъолияти кӯдакон) мусоидат менамоянд.

Муҳаққиқ дуруст қайд мекунад, ки технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ ба кӯдакони синни томактабӣ имкон медиҳанд, ки на танҳо барои аз худ кардани донишҳо балки дар ин маврид бой гардонидани луғат, нутқи аз ҷиҳати грамматикӣ дуруст, қобилияти зеҳнӣ ва эҷодӣ, ки дар ин синну сол хеле муҳим аст, инкишоф дода шаванд. Технологияҳои иттилоотӣ шаклу усулҳои анъанавии таълими кӯдакони синни томактабиро иваз намекунанд, балки раванди таълимро дар муассисаҳои таълимии томактабӣ тақвият бахшида, ба зинаи нав мебароранд. Истифодаи ТИК дар муассисаҳои томактабӣ бартариҳои фароҳам меорад, ки онҳоро дар қимати озмоишӣ-таҷрибавии кор нишон додааст.

Ҳамин тариқ, бо дарназардошти муҳокима ва хулосаи муқарризон - доктори илмҳои педагогӣ Каримзода М., номзади илмҳои педагогӣ, муаллимаи калони кафедраи таҳсилоти томактабии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон Г.Қурбонова, ходими пешбари илми шуъбаи муассисаҳои томактабӣ ва синфҳои ибтидоӣ Мирхонова Н., номзади илмҳои педагогӣ Маҳкамов Д. шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ хулоса кард.

Дар шароити имрӯза таҳқиқоти диссертатсионӣ тибқи талаботи “Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025” матраҳ гардида, дар асоси нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи муассисаҳои томактабӣ ва синфҳои ибтидоии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба анҷом расидааст.

Мавриди таҳқиқи он масъалаҳои низоми муосири таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, ибтидоӣ ва ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани онҳо, махсусан анҷом

додани корҳои илмию таҳқиқотӣ дар самти инкишофи нутқи кӯдакон ва омӯзиши забони модарӣ, омӯзиши стандартҳои давлатии таҳсилоти томактабӣ ва ибтидоӣ, нақшаю барномаҳо, таълифи дастуру китобҳои дарсӣ, дастурҳои илмию методӣ дар самти мавзӯи барассишаванда мавриди таҳқиқ қарор ёфтанд.

Дар таҳқикот хусусиятҳои педагогию психологии инкишофи нутқи шифоҳӣ, усулҳои методии инкишофи нутқи алоқанок, роҳҳои ташаккули мафҳумҳои грамматикӣ ва бархе аз пахлӯҳои омӯзиши забони модарӣ мавриди омӯзишу таҳқик қарор гирифта, хулосаҳои амиқу илмӣ баровварда шудаанд.

Унвонҷӯ Раҳилаи Нураҳмадзода дар умум таҳқиқотро аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва дар амалия татбиқ намудани раванди ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабиро бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар дараҷаи кофӣ исбот намудааст.

Дар вазифаҳои таҳқиқот фароҳам овардани шароитҳои таълимию тарбиявиро барои ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ муайян намуда, мазмуну муҳтавои онро дар Барномаи “Ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ” пешниҳод намудааст.

Барои ба ҳадафу вазифаҳо ноил шудан унвонҷӯ ба навгониҳои илмии зерин ноил гардидааст:

- вазифа, мазмун ва технологияи ташккули нутқи гуфтугӯии кӯдакон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-педагогӣ аз ҷанбаи инкишофи шахсияти кӯдакон муайян намудааст;
- истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-педагогӣ дар ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ дар давраи гузариш ба зинаи таҳсилоти ибтидоӣ мавриди истифода қарор ёфтааст;
- барномаи махсуси ташаккули омодагии нуткии кӯдакон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ барои ташаккули нутқи кӯдакони синни калони томактабӣ дар зинаи гузариш ба таҳсилоти ибтидоӣ мавриди озмоиш қарор ёфтааст:
- ташаккули нутқи кӯдакони синни калони томактабӣ тавассути шиносоӣ бо муҳити атроф, ҷойҳои таърихӣ ва фарҳангии кишвар, ки дар рафти онҳо ҳисси мансубият ба арзишҳои маънавии миллати тоҷик ташаккул ёфта, омӯзиши забони модарӣ ва эҳтиром ба он ба роҳ монда мешавад, таҳқиқ гардидааст.

Ташаккули нутқи кӯдакон дар асоси интихоби барномаҳои компютерӣ, бозиҳо, презентатсия, филмҳои тасвирию бадеӣ ба роҳ мондашуда, ба онҳо имкон медиҳад, ки ба фаъолият ворид гардида,

фаъолияти таълимиро пурмазмун, ҷолиб ва бо шавқовар баргузор намоянд.

Натиҷаи корҳои озмоишӣ дар анҷоми ҳар як марҳила таҳлилу ҷамъбаст гардида, мақолаҳои зерини дар нашрияҳо илмии тақризшаванда чопнамудаи унвонҷуй пурра мазмуни рисоларо фаро мегиранд:

[1-М] Нураҳмадзода Р. Ташаккули маданияти муоширати хонандагони мактаб-интернатҳо дар корҳои беруназсинфӣ. /М.Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, №3, 2020, с.141-145.

[[2-М] Иматзода Л.М., Нураҳмадзода Р. Инкишофи нутқ ва аҳамияти он дар омӯзиши ибтидоии забони модарӣ. /М. Номаи донишгоҳ. - №2 (67). – Хуҷанд, 2021. С.189-194.

[3-М] Файзуллоева И., Нураҳмадзода Р.Ташкили дарс-саёҳат дар раванди таълими забони тоҷикӣ ва аҳамияти он дар ташаккули салоҳиятҳои муоширатии хонандагон. /М.Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, №1(37), 2022, с.99-103.

[3-М] Нураҳмадзода Р. Инкишофи нутқи мураттаби кӯдакон мавриди шиносоӣ бо ҷойҳои таърихии кишвар. /М.Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, №2(42), 2023, с.159-164.

Бо дарназардошти хулосаҳои муқарризон ва иштирокчиёни шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ

ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Раҳилаи Нураҳмадзода “Ташаккули омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ” кори илмии мустақилона баанҷомрасида, ки дар он муаллиф ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда ноил шудааст, ҳисоб карда шавад.
2. Диссертатсияи илмии Раҳилаи Нураҳмадзода “Ташаккули омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ” ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) ҷавобгӯ аст.
3. Диссертатсияи 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) барои ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-030 назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеи шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ мураттаб шуда, аз 15 сентябри соли 2023, протоколи №09 қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа 17 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: “Тарафдор” - 17 нафар, “Зид” - нест, “Бетараф” - нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси ҷаласа, шуъбаи муассисаҳои томактабӣ,
ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт,
барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ,
номзади илмҳои педагогӣ М.Бобоева

доктори илмҳои педагогӣ,
саркотиби илмии Академияи
таҳсилоти Тоҷикистон М.Каримзода

номзади илмҳои педагогӣ, муаллимаи калони
кафедраи таҳсилоти томактабии Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Г.Қурбонова

ходими пешбари шуъбаи муассисаҳои томактабӣ,
ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт,
барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ Н.Мирхонова

Маълумот барои тамос:
Суроға: 734063, ҶТ, ш. Душанбе, кӯч. Айнӣ, 126
Тел.: 2 25 84 06, 2 25 84 09
Суроғаи электронӣ: prmatt@maorif.tj

*Имзои М.Бобоева, М.Каримзода, Г.Қурбонова*
*ва Н.Мирхоноваро тасдиқ мекунам*

*Мудири шуъбаи кадрҳои Пажӯҳишгоҳи*
*рушди маориф ба номи А. Ҷомии АТТ* *Ҳакимова Х.*